



# Исо Омадаст

Дар замини чони мо, гӯвост Исо омадаст,
Сад ҳазорон мужида бар дилҳост, Исо омадаст.



Аз насими ин қиёми осмонӣ рӯзу шаб,
Ашки шодӣ дар дилам дарёст, Исо омадаст.

Интизори ваъдаи дидори фардо то ба кай?
З-он, ки имрӯз аст он фардо, Исо омадаст.





Дар гӯлистони муҳаббат ҳар гӯле гӯяд туро,
Нағмаи ҳар бӯлбули шайдост, Исо омадаст.

Баҳри дидан пардаҳоро як ба як бояд дарид,
Чун берун аз пардаҳо пайдост, Исо омадаст.

Гуши дигар боядат будан туро то бишнавӣ,
Дар забони зарраҳо овост, Исо омадаст.

Ин ҳадиси савсан асту ҳам ҳадиси ёсуман,
Ҳам ҳадиси лолаи саҳрост, Исо омадаст.

Бин ба истиқлоли мо муҳточ омад офтоб,
Дида мебинад, агар биност, Исо омадаст.



